**Тақриз ба автореферати диссертатсияи илмии доктории Нурулҳақ Қамар «Салафия: иазария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14-Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

Яке аз масъалаҳое, ки дар илми ҷомеашиносии муосир бисёр муҳим ва то ҳадде баҳсбарангез ва нигаронкунанда дар ҷомеа ва кишварҳои мусулмоннишин мебошад, падидаи исломи сиёсии радикалӣ мебошад, ки ҳамчун таҳдиди воқеӣ аз тарафи аксари муҳаққиқон ва ниҳодҳои сиёсии дохилӣ ва байналмилалӣ пазируфта шудааст. Аз ҳадди зиёд сиёсӣ шудани ин падида ба назари аксари муҳаққиқон дар асри XX ва махсусан баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва ҷанги сард миёни ду қутби сиёсии ҷаҳон (муқобиляти байниҳамдигарии Иттиҳоди Шуравӣ ва блоки Америко ва Аврупо) мушкилоту печидагиҳоро ҳам дар сатҳи мардумӣ (умумӣ) ҳам дар сатҳи идеологияҳои сиёсии кишварҳои шарқи мусулмоннишин ба вуҷуд овард. Ин падида гарчанде аз тарафи аксари муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ омӯхта шуда бошад, ҳам аммо замина, фаҳмиш ва амалияи он то ба ҳол ба таври зарурӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Таҳқиқоте, ки аз тарафи унвонҷуи докторӣ Нурулҳақ Қамар анҷом ёфтааст дар ин самт як таҳқиқи наве мебошад, ки муҳтаво ва воқеияти онро ошкор месозад. Дар қисмати муқаддимавии таҳқиқоти худ муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ва пойгоҳи меъёрӣ-эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои

диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро тибқи талаботи мавҷуда зикр карда, дар ҳамаи қисматҳои он масъалаҳоро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст.

Муҳаққиқ дар муқаддима ин падидаро "яке аз таҳдиду хатарҳо ба кишвар ва истиқлоли давлати Тоҷикистон" дониста ва "паҳншавии афкори такфирӣ-ҷиҳодии зиддимиллию зиддитамаддунии ҷараёни салафияи ифротӣ дар ҷомеаи тоҷик" боиси нигаронӣ ва хатар ба низоми давлати миллию

дунявӣ мешуморад. Хатари салафияи ифротӣ нисбати давлати миллии Тоҷикистон дар он аст, ки бо пуштибонии қудратҳои ҷаҳонию минтақавие, ки дар Тоҷикистон манфиати геосиёсӣ доранд, дар зери парчами бозгашт ба "исломи ноб", яъне исломи замони ба ном "салафи солеҳин," хилофати исломиро эҳё кардан мехоҳанд ва бар зидди низоми давлатдориҳои миллию дунявӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, мӯбориза мебаранд. Космополитизми исломӣ, ки зоҳиран яке аз ҷанбаҳои назарию амалии салафия аст, ҳамчун идеяи зиддимиллӣ ва ифодакунандаи манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодии арабҳо маҳз аз идеяҳои диние маншаъ мегирад, ки ихтилоф ба идеяҳои дигар фирқаву мазҳабҳо дорад.

Аз таҳлили автореферати диссертатия бармеояд, ки масъалаи «Салафия: назария ва амалия»-ро муҳаққиқ дар чор боб, ки аз 11 параграф мавриди таҳқиқ қарор дода, ба таври муфассал баррасӣ ва таҳлили диншиносӣ намудааст. Муҳаққиқ дар боби аввали таҳқиқоти худ фаҳмиши навсозӣ ва таҷдиди назар дар мазҳаби суннат ва ҷамоат дар асрҳои гузашта ва муосирро баррасӣ намудааст. Таъсиси ибтидоии салафия аз тарафи Муҳаммад ибн Абдулваҳҳоб ат-Тамим (1703-1792) сурат гирифтааст, ки заминаи ақидавии ӯро муҳаққиқони исломшинос дар асоси мактаби фиқҳӣ -динии мазҳаби ҳанбалия, ки яке аз фақеҳони сахтгир ва тамоюли бартариятҷуии қавми арабро бар дигар ақвоми мусулмон пуштибонӣ мекард, фаҳмида мешавад.

Фундаментализм (бунёдгароӣ) дар ислом ба маънои он фаҳмида мешавад, ки ислом дар тули асарҳо аз тарафи пайравону мухолифонаш элементҳои нав, аз ҷумла ақидаҳое, ки ба асли таълимоти динӣ мухолифати мекунанд, илова карда шудааст. Бинобар ин ҷомеаҳои мусулмоннишинро зарур аст ба ҳамон ҳолати аввалияе, ки дар замони пайғамбар Муҳаммад ва чаҳор "халифаи рошидин" (Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ) қарор дошт баргарданд. Ин давра манбаи илҳомбахш барои салафиҳо ба ҳисоб меравад. Таълимоти ваҳҳобиён дар ибтидои пайдоиши худ, ҳамчун консепсияи расмии исломии саудиҳо – салафиҳо камтар сиёсӣ карда шуда буд.

Танҳо солҳои 60-уми асри XX фаъолияти он берун аз ҳудуди шоҳигарӣ фаъол гашт. Сохтани Лигаи мусалмони ҷаҳон аз тарафи Арабистони Саудӣ масъалаи иттиҳоди нави исломиро ба миён овард. Инчунин созмонҳои фаромиллӣ, аз ҷумла хайриявӣ ба ин раванд саҳми худро гузошт, ки дар паси чунин "саховатҳо" гуруҳҳои манфиатҷӯи минтақвию ҷаҳонӣ ҳадафҳои муғризонаи худро густариш медоданд. (Ихвонулмуслимин дар ин давра ҳам дар Миср ва ҳам дар Сурия таъқиб мешуд, ки ба Арабистони Саудӣ нақли макон кард.) Ҳамзамон таҳрими (эмбарго) нафтӣ дар соли 1973 созмону бунёдҳои ғайрирасмии исломиро имконияти молии фаровон фароҳам овард, ки мумкин буд густаришу таъсиргузории бештареро низ тавсия бахшад. Бо чунин иқтидор дар ин солҳо ваҳҳобиён метавонистанд ҳокимияти расмиро сарнагун кунанд, аммо чунин сурат нагирифт. Ваҳҳобиёни расмии имрӯза бошад мисли Шайх Абдул-Азиз Бин Баз (в. 1999) ва Шайх ибн Усаймин (в.2001) камтар ба масъалаи қоидаю суннатҳои (дар мисоли ҳатмии ҳиҷоб ) шариат таваҷҷуҳ карданд. Баъзе аз олимони ғарбӣ чунин амалро ваҳҳобизми "ором" ҳамчун падидаи ғайрисиёсӣ тасниф карданд. Фақат баъди ворид шудани қувваҳои ҳарбии шуравӣ ба Афғонистон, ҳамзамон дар муҳити саудиҳо салафи

ҷиҳодӣ ва ҷанганда зуҳур карда авҷ гирифт, ки намояндаи нафратангези он Усома бен Лоден буд.

Ба назари Оливе Руа пайравони Усома бештар бар зидди фарҳанги Ғарб мубориза мебаранд ва махсусан баъди ҳуҷуми англо-америкой дар Ироқ ҷиҳодиён фаъолиятҳои худро зидди як қатор режимҳои арабӣ низ фаъол сохтанд. Аз ин рӯ, қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ имрӯз ба вуҷуди низомҳои сиёсии исломӣ манфиатдоранд ва барои амалӣ сохтани чунин нақша бидуни баланд бардоштани сатҳи таассуби динию хурофот ва ба равияҳои ифротии исломӣ ҷалб сохтани ҷавонон ғайриимкон аст.

Баъди ҳуҷуми англо-америкой дар Ироқ ба назари баъзе аз муҳаққиқон салафиҳо ба ду ҷиноҳ тақсим шуданд, яъне ҷиҳодӣ ва ғайриҷиҳодӣ. Бо вуҷуди он салафиҳои ҷиҳодӣ ва ғайриҷиҳодӣ ба назари баъзе аз муҳаққиқон аз ҷумла диссертант дар консепсияи ягона-такфир ва бозгашт ба “исломи ноб” ҳаммонананданд.

Масъалаиҳое, ки дар ин таҳқиқот ба таври илмӣ баррасӣ шудааст, хело зиёд матраҳ шудаанд. Махсусан чи тавр одатҳои давраи пеш аз исломӣ тағйири шаклу маъно карда, дар матни баъдинаи исломӣ аз нав арзиш пайдо карданд. Ҳамзамон муаққиқ кӯшиш мекунад, ки фарқи байни фиққи ҳамбалия ва Абӯҳанифаро нишон дода, истифодаи ақли инсон дар шинохти ғайритақлидии воқеиятро муҳим шуморад. Дар матни таҳқиқот моҳияти пешазисломӣ ва дар муқоиса бо одатҳои замони пайғамбар ва махсусан худи Пайғамбар низ дода шуда, моҳияти онҳо бо чандин далелҳо ошкор сохта шудааст.

Дар асоси автореферати диссертатсияи Нурулҳақи Қамар метавон чунин хулоса намуд, ки муаллифи он мавзуи таҳқиқшавандаро аз дигоҳи илми диншиносӣ ва барои бардошти сабақҳо барои таърихи муосири мардуми тоҷик дар ҳадди тавони хеш таҳқиқ намудааст.

Аз ин рӯ, муаллиф таъкид мекунад, ки бо анҷоми чунин таҳқиқотҳо метавон хурофоту таассубро аз зеҳният ва рафтори ҷавонон дур сохт.

Фошсозии ақидаҳои ифротӣ ва зидди озодандешӣ, шарҳи холисонаи матнҳои динӣ, таҳкими гуногунандешӣ ва амсоли он аҳаммияти басо бузурги илмию иҷтимоӣ дорад.

Бо такя ба автореферати диссертатсия метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки масъалаҳои дар рисола мавриди таҳқиқ қароргирифта, мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва саривақтӣ будани онро барои назария ва амалияи имрӯзаи ҷомеаи тоҷик нишон медиҳанд ва ҳамзамон, ҳамаи ин мубрамияти мавзуи дисертатсияро собит месозанд. Ба ҳамаи ин дастовардҳои илмии диссертатсия нигоҳ накарда, дар автореферати он баъзе камбудиҳо низ вуҷуд доранд:

Муҳаққиқ дар баробари навовариҳои зиёди илмӣ, дар шинохти миллигароиии арабӣ ва арабӣ-исломӣ чандон возеҳ сухан нагуфта, ин масъаларо дуруст ташхис накардааст.

Баъзе муҳаққиқони муосир, аз ҷумла В. В. Нумки́н байни салафияи муътадил ва ифротӣ фарқ гузошта, давлати имрузаи Шоҳигарии Арабистони Саудиро муътадил арзёбӣ мекунад, ки дар дисертатсия ин масъала ҳаматарафа инъикоси худро наёфтааст.

Як нуктаи дигари баҳсбарангези матни автореферат дар он аст, ки гуё ҳамбалиҳо дар баробари зулми ҳокимон бояд хомуширо ихтиёр кунанд, дар ҳоле ки салафиёни имрӯз бо даъвои адолати иҷтимоӣ-исломӣ бояд бар зидди ҳамгуна ҳокимон шуру қиём намоянд. Мҳасалан, диссертант бо такя ба назари ҳанбалиҳо мегӯяд: “агар ҳокими мусулмон нопок ва гунаҳкор бошад ҳам, мардум набояд ба танқиди халифа даст занад ва ба муқобили ӯ шӯриши оммавӣ барпо созад.” С. 28. Аммо дар саҳифаи 33 омадааст, ки “Дар акси ҳол раъият метавонанд ба ӯ итоат накунанд ва ба муқобили чунин ҳоким шӯриш бардоранд.”

Дар дисертатсия баъзан хатогиҳои имлоию услубӣ ба назар мерасад, (мисли «навровариҳо» с. 31 ва ирратсионалӣ (зиддиақлонӣ) С. 49, маънои ирратсионализм зиддиақлонӣ нест, шинохти олам на аз роҳи ақлу мантиқ

балки аз роҳи эҳсос, ирода ва ҳадс мебошад. Н.Ё.) ки муҳтавои илмии онро коста, намесозад ва умедворем дар нашри минбаъдаи матни монография бартараф карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси автореферат метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Нурулҳақ Қамар «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14- Фалсафаи дин ва диншиносӣ ба тамоми талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа мебошад.

**Сарходими илмии Институти такмили ихтисоси омӯзгорони мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои фалсафа** **Ё. Б. Ниёзӣ**

**Имзои Ё. Б. Ниёзӣро тасдиқ мекунам.**
**Мутахассиси кадрҳои ИТИОМОДМТ** **М. Сафарова**

17.09.2024